# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар хусуси тасдиқ намудани Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон дар бораи савдои озод

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон дар бораи савдои озод, ки 13 августи соли 2007 дар шаҳри Боку ба имзо расидааст, тасдиқ карда шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида ҷониби Озарбойҷонро дар бораи аз ҷонибн Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур заруранд, огоҳ намояд.

Раиси

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Хайруллоев

аз 16 январи соли 2008 № 840 ш. Душанбе

## Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон дар бораи савдои озод

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон, ки дар оянда "Тарафҳои Аҳдкунанда" номида мешаванд,

бо мақсади рушди озоди робитаҳои мутақобилаи иқтисодию-тиҷоратӣ,

бо кӯшиши дастгирии рушди мутаносиб ва афзоиши тиҷорати ҷаҳонӣ, бартарафсозии маҳдудиятҳо дар роҳи тараққии он,

бо дарки зарурияти амалҳои мувофиқакардашуда дар пешниҳоди озоди молҳо ва хизматрасониҳо,

бо хоҳиши гузаронидани сиёсати мустақилонаи иқтисоди хориҷӣ, ки аз ҳуқуқҳои озоди ҳар яке аз Тарафҳои аҳдкунанда бармеояд ва дар ин маврид принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ аз ҷониби умум эътирофшудароба роҳбарӣ гирифта,

зарурияти рушди робитаҳои мутақобилаи дутарафа дар соҳаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ бо назардошти принсипҳои Созишномаи кул дар бораи савдо ва тарифҳоро (GATT/WTO) тасдиқ намуда,

ба чунин мувофиқа расиданд:

**Моддаи 1 Боҷи гумрукӣ, андозҳо ва пардохтҳо**

Тарафҳои Аҳдкунанда боҷи гумрукӣ, пардохтҳои андозӣ ва ба ин баробар пардохтҳоро, инчунин маҳдудиятҳои миқдорӣ ба воридот ва содироти молҳо, ки дар ҳудуди гумрукии яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда истеҳсол мешавад ва барои истифодаи Тарафи дигари Аҳдкунанда пешбинӣ шудааст ҷорӣ намекунанд. Истиснои ин низоми тиҷоратӣ аз рӯи номгӯи мувофиқашудаи молҳо бо тартиб додани протоколи алоҳидае, ки қисми ҷудонопазири ҳамин Созишнома аст, сурат мегирад.

**Моддаи 2 Андозҳои дохилӣ**

1 Тарафҳои Аҳдкунанда ҳангоми андозбандии мустақим ва ғайри мустақими маҳсулоти дар ҳудуди Тарафи Аҳдкунандаи дигар истеҳсолшуда, андозҳои дохилиеро ба маҳсулот ва ё пардохт ва ё андозаи мизонҳоро, ки аз миқдори маблағи андозҳо, пардохт ва ё андозаи мизонҳои ба ин монанди маҳсулоти дохилӣ андозбандӣ мешуда ва ё маҳсулоти монанде, ки дар давлати сеюм истеҳсол мешавад ва ба ҳудуди гумрукии Тарафҳои Аҳдкунанда ворид карда шудааст, зиёд мебошанд, истифода намебаранд.

2. Тарафҳои Аҳдкунанда нисбати дар андӯхтан, боркунӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, инчунин ҳангоми хисоббаробаркунӣ ва интиқоли маблағ барои моле, ки дар ҳудуди Тарафи Аҳдкунавдаи дигар истеҳсол шудааст, тартибҳое, ки аз ҳилатҳои монанд барои моли истеҳсолии ватании хеш ва ё моли дар тарафи сеюм истеҳсолшуда фарқ мекунад, истифода намебаранд.

**Моддаи 3 Муайянкунии макони истеҳсоли мол**

Бо мақсади татбиқи ҳадафҳои Созишномаи мазкур ва дар давоми амали он, барои муайянкунии макони баромади мол аз ҳудуди Тарафҳои Аҳдкунанда онҳо "Қоидаҳои муайянкунии давлати баромади мол" ро, ки бо Қарори Шӯрои Сарони Итгиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 30.11.2000с. тасдиқ шудааст ва ҳамчунин тағйироту иловаҳро ба он ба инобат мегиранд.

**Моддаи 4 Танзими тарифӣ ва ғайритарифӣ**

1. Тарафҳои Аҳдкунанда ҳангоми тиҷорати мутақобила аз чорабиниҳои табъизӣ (дискриминатсионӣ), воридкунии чораҳои маҳдудкунии миқдорӣ ва дигар чораҳли ба ин монанд ҳангоми воридот ва содироти мол дар чорчӯбаи Созишномаи мазкур даст мекашанд.

2 Тарафҳои Аҳдкунанда метавонад дар тартиби яктарафа маҳдудиятҳои миқдорӣ ва махсусро дар ҳадди муайян ва тартиби муайян дар ҳолатҳои зерин ҷорӣ намоянд:

а) ҳангоми норасии ин мол дар бозори дохилӣ ва ё;

б) то устуворшавии тавозуни пардохт ва ё;

в) дар ҳолати ворид гардидани миқдори зиёди ягон мол ба ҳудуди яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ва ё бо шартҳое, ки ба истеҳсолкунандаи ватании моли

ба он монанд ва ё бевосита ба он рақобатпазири Тарафҳои аҳдкунанда зарар меоварад;

г) бо мақсади амалӣ гардонидани чорабиниҳое, ки мутобиқи моддаи амалиётҳои реэкспортӣ танзим мешаванд.

Чунин маҳдудиятҳо бояд характери истисноӣ дошта бошанд ва танҳо дар ҳолатҳои дар чорчӯбаи Созишномаи GATT/WTO пешбинӣ шуда, истифода бурда шаванд.

3. Тарафи Аҳдкунанда мутобиқи моддаи мазкур 30 рӯз пеш аз ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои микдорӣ ва махсус ба Тарафи Аҳдкунанда дигар маълумоти пурраи илман асоснокшударо оид ба сабабҳо, шакл ва мӯҳлати тахминии ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои мазкур пешкаш менамояд.

**Моддаи 5 Талаботҳои техникӣ ва дигар талаботҳои махсус**

1. Тарафҳои Аҳдкунанда маҷмӯи стандартикунониҳои давлатӣ воҳидҳои ченак ва тартиби тасдиқномадиҳии дар Тарафи Аҳдкунандаи дигар ҷорӣ будаpo эътироф мёнамоянд.

2. Яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда нисбати моли аз ҳудуди гумрукии Тарафи Аҳдкунандаи дигар содиршуда ва ба ҳудуди он воридшударо аз нуқтаи назари талаботи техникӣ ва талаботи сифатӣ низоми мусоидеро фароҳам меоварад, ки он на камтар аз низоме мебошад, ки он ба маҳсулоти дохилӣ ва ё моли ҳар кадоме аз давлати сеюм пешниҳод мешавад.

3. Тарафҳои Аҳдкунанда дар савдои мутоқобила бо мақсади бартараф намуданн монеаҳои техникӣ ва дигар маҳдудиятҳо ҳамоҳангсозии талаботи техникӣ ва дигар талаботҳои махсус, ҳамчунин ҳамоҳангсозии сиёсати худро дар ин соҳа бо меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ таъмин менамоянд.

4. Тарафҳои Аҳдкунанда дар соҳаи стандартикунонӣ, метрология, хоҷагии қишлоқ, ҳифзи муҳити атроф ва сертификатсия барои пешгирӣ намудани монеъаҳои техникӣ ва талаботи дигари махсус дар савдои мутақобила ҳамкорӣ ва табодули маълумот менамоянд.

**Моддаи 6 Расмиёти гумрукӣ**

1. Тарафҳои Аҳдкунандаи ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ ва эътирофи ҳуҷҷатгузории гумрукии якдигарро фароҳам меоваранд.

2 Тарафҳои Аҳдкунанда баҳисобгирӣ ва назорати гумрукӣ, инчунин тартиби ба расмият даровардани мол ва воситаҳои нақлиёти таҳти низоми савдои озод будаpo мувофиқи қонунгузории миллӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ анҷом медиҳад.

**Моддаи 7 Номгӯи молҳо**

Ҳангоми амалӣ намудани танзими тарифӣ ва ғайритарифӣ, мубодилаи маълумотҳои оморӣ ва гузаронидани расмиёти гумрукӣ Тарафҳои Аҳдкунанда ҳамон Номгӯи фаъолияти иқтисодии хориҷиеро истифода мебаранд, ки он ба Системаи ҳамоҳангёфтаи тавсиф ва рангузории моли Созмони Ҷаҳонии Гумрук асос ефтааст. Ҳамзамон, Тарафҳои Аҳдкунанда дар ҳолати зарурати таъмини талаботи хеш, номгӯи минбаъдаи молро такмил медиҳанд.

**Моддаи 8 Транзит**

1. Тарафҳои Аҳдкунанда риояи принсипи озодии интиқолро чун шарти муҳимтарини ноил шудан ба ҳадафҳои Созишномаи мазкур маъқул дониста онҳоро ба сифати унсури ҷудонопазири раванди ҳамроҳшавӣ ба системаи байналмилалии тақсиму таовуни меҳнат арзёбӣ менамоянд.

2. Дар робита бо ин ҳар як аз Тарафҳои Аҳдкунанда интиқоли бемамониати молеро, ки аслан аз минтақаи гумрукии Тарафи Аҳдкунандаи дигар ва ё давлати сеюм равона шудааст, фароҳам меоварад ва содироту воридот ва интиқолкунандагони молро бо воситаву хизматрасонии зарурии на камтар аз оне, ки ба содироту воридот ва интиқолкунандагони худӣ ва ё ҳар кадоме аз давлати сеюм пешниҳод мешавад, таъмин намояд.

3. Тартибу шартҳои интиқоли мол дар ҳудуди давлати Тарафҳои Аҳдкунанда мувофиқи Созишномаҳои байналмилалие танзим дода мешаванд, ки Тарафҳои Аҳдкунанда иштирокчии онҳо мебошанд.

**Моддаи 9 Реэкспорт**

1. Ҳар кадом аз Тарафҳои Аҳдкунанда ба реэкспорти беиҷозати молҳое ки нисбати содироти онҳо Тарафи Аҳдкунандаи дигар, ки аз ҳудуди гумрукии он ин молҳо мебароянд, чораҳои ба тартибандозии давлатиро амалӣ мегардонад, роҳ намедиҳад. Тарафҳои Аҳдкунанда номгӯи молҳоеро, ки реэкспорти беиҷозати онҳо манъ аст, муайян намуда табадули номгӯи молҳоеро, ки нисбати онҳо чораҳои ба тартибандозии давлатӣ ҷорӣ мешавад, амалӣ менамоянд.

2. Реэкспорти чунин молҳо ба давлати сеюм танҳо бо воситаи иҷозати хаттӣ ва тибқи шартҳое, ки аз тарафи мақомоти давлатии ваколатдори макони баромади молҳои мазкур муайян мегарданд, амалӣ мешавад.

**Моддаи 10 Ҳифзи моликияти зеҳнӣ**

Дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ Тарафҳои Аҳдкунанда ҳамкориро тибқи созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар бораи Ҷанбаҳои Тиҷоратии Ҳуқуқи Моликияти Зеҳнӣ (TRIPS) татбиқ ва такмил медиҳанд.

**Моддаи 11 Табодули маълумот оид ба қонунгузории дохилӣ**

1. Тарафҳои Аҳдкунанда дар асоси мунтазам оид ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ, ки бо фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд мебошанд, аз ҷумла фаъолияти инвеститсия, соҳаи андозбандӣ, бонкӣ ва суғуртавӣ, ҳамчунин бо дигар масоили хизматрасонии нақлиёт ва гумрукӣ, омори гумрукӣ табодули маълумот мекунанд.

2. Тарафҳои Аҳдкунанда ҳамзамон ба якдигар дар бораи тағйиротҳо дар қонунгузории миллӣ, ки метавонанд ба иҷроиши ин

Созишнома таъсир расонад, ахборот медиҳанд.

3. Мақомотҳои ваколатдори Тарафҳои Аҳдкунанда ҷараёни мубодилаи чунин ахборотро мувофиқа менамояд.

**Моддаи 12 Истисно**

1. Истисноиумумӣ:

Созишномаи мазкур ҳуқуқи ҳеҷ яке аз Тарафҳои Аҳдкунандаро барои андешидани тадбирҳои ба тартибандозии давлатӣ дар робитаи иқтисодии хориҷӣ ба таври умумӣ қабулшуда ва барои иҷрои муоҳидаҳои байналхалқии зарурӣ, ки Тарафҳо дар он иштирок ё нияти иштирокро доранд, маҳдудият пеш намеорад, агар ин тадбирҳо алоқаманд бошанд ба:

а) ҳимояи ахлоқи ҷомеъа ва тартиботи ҷамъиятӣ;

б) ҳифзи ҳаёт ва саломатии мардум;

в) ҳифзи ҳайвонот ва наботот;

д) ҳифзи дастовардҳои миллӣ, ки дорои арзишҳои санъат, бостоншиносӣ ва таърих мебошанд;

е) ҳифзи моликияти саноатӣ ва зеҳнӣ;

ж) фурӯши тилло, нуқра ё дигар маъдану сангҳои қиматбаҳо; з) нигоҳдории захираҳои бемисли табиат;

и) вайроншавии балансі пардохт;

к) маҳдуд намудани содироти моле, ки нархаш дар дохили мамлат аз нархи ҷаҳонӣ, дар натиҷаи ба амалбарории барномаҳои кӯмаки давлати пастар шуда бошад.

2. Истисно аз нигоҳи бехатарӣ Созишномаи мазкур ба ҳуқуқи ҳеҷ яке аз Тарафи Аҳдкунанда барои андешидани тадбирҳои танзими давлатӣ, ки онҳо лозим мешуморанд, агар ин тадбирҳо алоқаманд бошанд ба:

а) ахбороте, ки ба амнияти миллӣ дахолат мекунад:

б) савдои яроқ, техникаи ҳарбӣ, лавозимоти ҳарбӣ, хизматрасонии хосияти ҳарбӣ дошта, таҳвили технология, истеҳсоли яроқ ва техникаи ҳарбӣ ва инчунин хизматрасонӣ бо мақсадҳои дигари ҳарбӣ;

в) таҳвили маводи таҷзияшаванда ва радиоактивӣ, коркарди партовҳои радиоактивӣ;

г) чораҳое, ки ҳангомиҷанг ва дигар авзои фавқулодда дар муносибатҳои байналмилалӣ амалӣ мешаванд;

д) таъмини ӯҳдадориҳое, ки мувофиқи Оинномаи СММ ҷиҳати дастгирӣ намудан аз сулҳ ва амнияти байналмилалӣ қабул шудаанд.

**Моддаи 13 Тадбирҳои фитосанитарӣ ва санитарӣ**

1. Тарафҳои Аҳдкунанда розӣ ҳастанд, ки тадбирҳои фитосанитарӣ ва санитарии худро амалӣ намоянд ва инчунин мубодилаи ахборотро оид ба касалиҳои сирояткунандаи ҳайвонот, ксалиҳои карантин ва паҳншавии паразитҳое, ки барои растаниҳо хатарноканд, мувофиқи талаботи созишномаи Созмони умумиҷаҳонии савдо оид ба чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ риоя намоянд.

2. Тарафҳои Аҳдкунанда розӣ ҳастанд, ки тадбирҳои ғайри табъизиро оид ба ҳимояи ветеринарӣ, ҳимояи растанӣ ва саломатии инсон ва инчунин механизмҳои нави ҳимоявӣ, ки монеаи савдо мешаванд, таҳия наменамоянд.

**Моддаи 14 Чорабиниҳои махсус**

Тарафҳои Аҳдкунанда нисбати воридот бо истифодабарии чорабиниҳои антидемпингӣ, компенсатсионӣ ва махсус таҳти принсипҳо ва муқарароти Созишномаи кулл оид ба тарифҳо ва савдо (GATT/WTO) амал менамоянд.

**Моддаи 15 Тартиби ҳалли баҳсҳо**

1. Баҳс ё норозигии байни Тарафҳои Аҳдкунанда нисбати тафоҳум ё истифодабарии муқарароти ин Созишнома ва дигар баҳсҳое, ки ба ҳуқуқ ва ӯҳдадории Тарафҳои Аҳдкунанда ба Созишномаи мазкур тааллуқ доранд ва ё аз он лиҳоз бо тартиби зерин ҳал карда шаванд:

а) бо роҳи машварати байни Тарафҳои Аҳдкунанда;

б) дар чаҳорчубаи ҷараёни махсуси мувофиқашуда (бо роҳҳи таъсис додани гурӯҳи корӣ барои баррасӣ намудани масъалаҳои баҳсӣ ва таҳияи тавсия);

2. Муқаррароти моддаи мазкур ба Тарафҳои Аҳдкунанда оид ба ҳал намудани баҳсхое, ки ба миён меоянд, бо тартиби муқарраршудаи ҳуқуқи байналмилалӣ монеа намешаванд.

**Моддаи 16 Алоқаи Созишномаи мазкур бо дигар ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои Тарафҳои Аҳдкунанда**

1. Ин Созишнома ба Тарафҳои Аҳдкунанда, ҷиҳати иҷрои ҳамагуна ӯҳдодории дигаре, ки тибқи созишномаҳои байналмилалӣ қабул шудаст ва ин Тарафи Аҳдкунанда иштирокчии он мебошад ва ё хоҳад буд, монеа намешавад.

2. Муқарароти мазкур ба ҳуқуқ ва имтиёзоти Тарафи Аҳдкунанда, ки онро Тарафҳои Аҳдкунада дар чорчубаи имтиёзот барои иттиҳодияҳои иқтисодӣ, тиҷорат назди сарҳадт, дарлатҳои рубатаракӣ минтақаи озоди иқтисодӣ ва ё гумрукӣ, ки мутобиқи қонунгузории дохилӣ ва ё созишномаҳои байналмилалӣ корбарӣ мешавад, дахл надорад.

**Моддаи 17 Тағйиру иловаҳо**

Бо розигии мутақобилаи Тарафҳои аҳдкунанда, бо протоколҳои алоҳида ки қисми ҷудонашавандаи ин Созишнома мебошанд ба созишномаи мазкур тағйиру иловаҳо метавон дохил намуд ва онҳо мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Моддаи 18 Созишномаи мазкур эътибор пайдо мекунанд.

**Моддаи 18 Эътибор пайдо кардан ва қатъи амал**

Созишномаи мазкур ба мӯҳлати бемаҳдудӣ амал мекунад ва аз санаи тариқи дипломатӣ гирифтани огоҳномаи охирини хаттӣ дар бораи аз ҷониби Тарафҳои Аҳдкунанда анҷом додани расмиёти дохилидавлатӣ, ки барои эътибор пайдо намудани он заруранд, эътибор пайдо мекунад.

Созишнома амали худро баъд аз шаш моҳи бо роҳҳои дипломатӣ огоҳонидани яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда аз тарафи Тарафи Аҳдкунандаи дигар қатъ менамояд.

Муқаррароти Созишномаи мазкур баъди қатъи амали он ба ҳамаи шартнома ва қарордодҳои байни субъектҳои хоҷагидории ҳар ду Тарафи Аҳдкунанда баста шуда, вале дар давраи амали он иҷро нашудааст, истифода мешавад.

Созишномаи мазкур дар шаҳри Боку 13 августи соли 2007 дар ду нусхаи асл ҳар кадом бо забонҳои тоҷикӣ, озарӣ ва русӣ ба имзо расида, ҳамаи матнҳо эътибори яксон доранд.

Ҳангоми ба миён омодани ихтилофи назар дар тафсири муқаррароти Созишиомаи мазкур Тарафҳои Аҳдкунанда аз матни русӣ истифода хоҳанд кард.

| | |
|---|---|
| Аз Ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз Ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон |